«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия**

**______________ Шарифзода Ф.Р.**

**«04» ____05____ 2023 сол**

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар мавзуи «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муҳими илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, яъне функсияи экологии давлат нигаронида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Яке аз проблемаҳои муҳими ҷомеаи ҷаҳониро ҳаллу фасли муаммоҳои экологӣ ташкил менамояд. Дар баробари он ки оид ба бартараф намудани норасогиҳои муносибати инсоният бо табиат чорабиниҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда шаванд ҳам, ҳоло низ масоили мазкур чун муаммо боқӣ монда истодааст.

Дар фазои муносибатҳои экологӣ яке аз механизмҳои муҳимтарин барои бартарафнамоии ҳолатҳои манфӣ дар мавҷудияти муҳити зист ва муносибати инсонҳо бо табиат ин функсияи экологии давлат ба шумор меравад. Сатҳи фазои идоракунӣ, танзим ва амалисозии механизмҳои расмӣ-ҳуқуқии ҳифзи муҳити зистро функсияи экологии давлат ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаҳои экологӣ диққати махсус дода мешавад, ки ҳолати мазкурро мо аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалии кишварамон мушоҳида карда метавонем. Ташаббусҳои экологии давлат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъи проблемаи экологии сатҳи ҷаҳонӣ бетараф набуда, дар ин маврид

тарафдор ва саҳмгузори таъмини амнияти экологӣ, солимии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва наслҳои ояндаи башарият мебошад.

Яке аз муаммоҳои мавҷудаи экологие, ки даҳсолаҳои охир барои самаранок амалишавии сиёсати функсионалии экологии давлат халал расонидааст ин зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолии барои муҳити зист зараровар мебошанд, ки бо микдори зиёди партовҳои газӣ, моеъгӣ ва сахти худ ба ҳолати экологии зараррасонанда табдил ёфтаанд. Бо ин назардошт, дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ ва хосатан назарияи давлат ва ҳуқуқ яке аз самтҳои алоҳидаи функсияи мустақили давлатро маҳз функсияи экологӣ ташкил карда истодааст, ки ҳолати мазкур аз муҳимияти айнизамонии он дарак медиҳад.

Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии таҳқиқбаранда бисёр мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр мебошад, ки дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ зимни баррасии якчанд масъалаҳои муҳими илмие, ки ба функсияи экологии давлат рабт доранд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1) Масоили ташаккул ва рушди функсияи экологӣ дар сарзамини тоҷикон бо сабку усулҳои хоса мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки дар натиҷа дар доираи он аз ҷониби диссертант хулосабандиҳои мушаххас манзур карда шудааст. Аз ҷумла, дар доираи таҳқиқи масоили рушди функсияи экологии давлат бо дарназардошти хусусиятҳои марҳилаҳои алоҳидаи мавҷудият ва такомули он муҳимияти он равшан карда шудааст. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ рушди функсияи экологии давлат ба марҳилаҳои алоҳида таснифбандӣ карда шудааст, ки ҳолати мазкур аз дақиқии доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ташаккул ва рушди функсияи экологии давлат дарак медиҳад. Аз ҷумла, чунин даврабандии ташаккул ва рушди функсияи экологӣ пешниҳод карда шудааст: - давраи то шӯравии инкишофи функсияи экологии давлат; - давраи шӯравии инкишофи функсияи экологии давлат;- давраи муосири инкишофи функсияи экологии давлат. (саҳ. 25). Ба андешаи диссертант, марҳилаи муҳими рушди қонунгузорӣ вобаста ба функсияи экологии давлат маҳз баъди пош хӯрдани ИҶШС рост меояд. (саҳ. 42). Доир ба ҳолати ишорагардидаи экологӣ маҳз низоми ҳуқуқи мусулмонӣ нисбат ба масъалаи туҳмат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ин амалро яке аз кирдорҳои зишти инсон меҳисобад. Шахсеро барои амали содир накардааш ва ё сухани нагуфтааш гунаҳгор намудан ва ё дар ҳаққи ӯ шаҳодати бардурӯғ додан яке аз амалҳое мебошад, ки ҳуқуқи мусулмонӣ онҳоро ҳамчун амалҳои гунаҳгорона дониста, барои шахсоне, ки онро содир намудаанд, ҷавобгарии мухталиф пешбинӣ кардааст (саҳ. 48).

2) Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти ғояҳои илмии мавҷудаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми функсияи экологии давлат дар чунин шакл пешниҳод гардидааст: “Функсияи

экологии давлат - яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат (мақомоти салоҳияти умумӣ ва соҳавидошта) мебошад, ки ҷиҳати ҳифз, истифода, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираҳои табиӣ равона гардида, дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, инчунин қонунгузории дохилидавлатӣ муайян ва бо мақсади таъмини амнияти экологӣ барои наслҳои имрӯза ва ояндаи инсон амалӣ карда мешавад". (саҳ. 65). Дар баробари ҳолати зикргардида, ҳамчунин хусусиятҳои мушаххаси функсияи экологии давлат аз ҷониби таҳқиқбарандаи диссертатсия чунин зикр карда шудааст: - функсияи экологии давлат яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мебошад; - функсияи экологии давлат аз ҷониби мақомоти салоҳияти умумӣ ва соҳавидошта амалӣ карда мешавад; - функсияи экологии давлат дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, инчунин қонунгузории дохилидавлатӣ муайян ва амалӣ карда мешавад; - функсияи экологии давлат ҷиҳати ҳифз, истифодаи мақсаднок, самараноку оқилона ва азнавбарқарорсозии захираҳои табиӣ равона гардидааст; - функсияи экологии давлат бо мақсади таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист, кафолати ҳуқуқи инсон ба муҳити зисти мусоид, пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва таъсири дигар шаклҳои фаъолият ба муҳити зист, идоракунии давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи экологӣ, танзими ҳуқуқии давлатии соҳаи экологиро муайян намуда, ба таъмини сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои экологӣ, асосҳои экологии рушди устувор, таъмини амнияти экологӣ барои наслҳои имрӯза ва ояндаи инсон равона карда шудааст. (саҳ. 65-66).

3) Дар баробари ин, диссертант дар таҳқиқоти худ оид ба таснифоти функсияи экологии давлат таъкид ба амал меоварад, ки дар баробари хос будани ҷабҳаҳои дохилидавлативу байналмилалӣ нисбат ба функсияи экологии давлат, таҳлилҳо ва таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло масоили экологӣ на фақат таваҷҷуҳи ташкилотҳои умумиҷаҳонӣ, балки давлатҳои минтақаи муайянро барои масъалагузорӣ ба ҳам овардааст. Ҳолати мазкур аз ин гувоҳӣ медиҳад, ки амалияи ҳолати функсионалии ҳифзи муҳити зист ва ҳолати захираҳои табиӣ хислати минтақавиро пайдо намудааст.

Аз ин хотир, функсияи минтақавии экологии давлатҳо рӯи кор омадааст, ки мақсади асосии он ҷорӣ намудани тадбирҳои созишномавӣ ва амалӣ бо ҳамбастагии ташкилотҳои байналмилаливу ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба кам кардани хатари ногувор ба вазъи муҳити зист ва истифодаю барқарорсозии сарватҳои табиӣ мебошад.

Механизми минтақавии амалисозии функсияи экологии давлат барои ҳаллу фасл намудани масоили муҳимми экологӣ, ба монанди гармшавии иқлим, норасоии ҳавои барои инсоният мусоиди беолоиш, аз меъёри пешгӯишаванда барзиёд обшавии пиряхҳо, сӯзиши пайдарҳами ҷангалзор ва чакалакзорҳо, фурӯравии қитъаҳои замин, ботлоқшавии заминҳо, бодлесшавии заминҳо ва монанди инҳо аз ҷониби иттиҳоди давлатҳои минтақаи муайян роҳандозӣ карда мешаванд. (саҳ. 84-85).

4) Боз ҷиҳати мусбии қобили таваҷҷуҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он мебошад, ки бевосита доир ба ҷоннок намудани механизми амалинамоии функсияи давлат пешниҳод менамояд, ки ҳолатҳои мазкур ба инобат гирифта шаванд: - рушди минбаъдаи заминаи меъёрӣ, аз ҷумла ба низом даровардани қонунгузорӣ ва иваз кардани санадҳои куҳна бо санадҳои муосир; - ба таври равшану возеҳ пешкаш намудани механизмҳои муосири такмил додани сохторҳои соҳавӣ ва салоҳиятдори сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист; - дар асоси принсипи низомнок ва зинавӣ рушду инкишоф додани маърифати экологии аҳолӣ ва ба ҳамин васила амалигардонии сиёсати босуботи экологӣ дар фазои зеҳнии тамоми қишри ҷомеа; - ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти давлатии назораткунандаи соҳаи ҳифзи муҳити зист, алалхусус дар самти иҷроиши қонунгузории экологӣ (назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории экологӣ); - ташкил намудани ҳамоҳангии тамоми сохтор ва мақомотҳои марбутаи давлатӣ оид ба амалигардонии функсияи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи баробарии сиёсати сабз, ки яке аз равандҳои муосири ғоявӣ ва сиёсӣ барои нигаҳдории ҳолати муътадили муҳити атроф дар мамлакатҳои Аврупо инкишоф ёфта истодааст. (саҳ. 100).

5) Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, ки яке аз механизмҳои муҳими амалишавии функсияи экологии давлат, ки экологикунонии қонунгузорӣ мебошад мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, чунин мафҳуми онро пешкаш намояд: «экологикунонии қонунгузорӣ гуфта, раванди ифодаёбии мақсади қонунгузории экологӣ, моҳияти аслии ҳадафҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии ба ҳифзи муҳити зист вобастабуда, доктринаҳои мавҷуда дар қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки мақсади асосии он мукаммал намудани низоми қонунгузории мавҷуда вобаста ба талаботҳои экологӣ бо ҳадафи таъмини расмии ҳолати муътадили ҳифзи муҳити зист барои наслҳои имрӯза ва ояндаи инсоният мебошад». (саҳ. 128). Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳқиқи ҳамаҷонибаи масоили экологикунонии қонунгузорӣ ҳамчун яке аз заминаҳои муҳими амалишавии функсияи экологии давлат диссертант якчанд хусусиятҳои онро низ дар диссертатсия муфассал номбар намудааст. (саҳ. 131-132).

Дар баробари андешаҳои болозикр, таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф оид ба функсияи экологии давлат ва механизмҳои амалишавии он чунин нуктаҳои мусбиро фарогир мебошад, ки дар фазои илми ватанӣ метавон онро навгонии илмии назариявӣ маънидод намуд:

1. Ба андешаи диссертант амалияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва механизмҳои татбиқи он ишора ба он менамояд, ки барои самтҳои муҳими фаъолияти давлатиро танзим ва идора намудан дар баробари қабули қонунгузории алоҳида, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ низ нақши меҳвариро дорост. Аз ин хотир, амалишавии функсияи экологии давлат низ дар баробари доштани хислати илмӣ-назариявӣ ҷабҳаҳои амалиро низ ба худ касб намудааст. Аз ин рӯ, зарур шуморида мешавад,

ки барои дақиқ, ҳадафмандона бо дарназардошти муайян намудани ҳолати кунунӣ, муаммо ва дурнамои самти амалишавии функсияи экологии давлат «Стратегияи рушди функсияи экологии давлат» таҳия ва қабул карда шавад. Албатта ҳолати мазкур имкон медиҳад, ки роҳҳои нави такон додани амалинамоии қонунгузории амалкунанда, ҳадафҳои пешгузоштаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян ва ба амал бароварда шаванд. (саҳ. 118).

2. Аз ҷониби диссертант оид ба экологикунии қонунгузорӣ таҳқиқот ба амал бароварда шуда, дар натиҷа якчанд хусусиятҳои он бо назардошти омӯзиши ғояҳои муосири илмӣ пешкаш карда шудааст: Дар доираи таҳлилҳо мо метавонем чунин махсусиятҳои экологикунонии қонунгузориро зикр намоем: - экологикунонии қонунгузорӣ раванди мураккаби илмӣ мебошад, ки барои дар амал татбиқ намудани он ҳамоҳангии соҳаҳои экология ва ҳуқуқи экологӣ, ҳамчунин дар самти амалигардонии он ҳамоҳангии сохторҳои ҳуқуқэҷодкунанда ва мақомоти ваколатдор зарур мебошад; - экологикунонии қонунгузорӣ ин раванди мустақили илми ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки мақсади асосии он ҷорӣ намудани арзишҳои экологӣ ба муқарраротҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифз, истифодаи самаранок ва барқарорсозии сарвати табиии мавҷуда, барои таъминоти наслҳои минбаъдаи инсоният бо ин неъматҳои табиӣ мебошад; - экологикунонии қонунгузорӣ ягона воситае мебошад, ки имконияти васеъро барои аз байн бурдани зарарҳои дар оянда расонидашаванда ба табиат бинобар сабаби ноқисии қонунгузории амалкунанда, пешгирӣ менамояд; - экологикунонии қонунгузорӣ метавонад боиси рушди низоми қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гардида, барои мукаммал гардонидани онҳо ва аз байн бурдани мухолифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (байни қонунгузории соҳаи экологӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба мақсад ва таъинот) мусоидат намояд; - экологикунонии қонунгузорӣ метавонад самаранок амалӣ гардонида шавад, агар ба таври соҳавӣ ва самтнок дар амал татбиқ карда шаванд (масалан, экологикунонии қонунгузории замин, фаъолияти соҳибкорӣ ва ғ.); - дар раванди экологикунонии қонунгузорӣ нақши субъектони ташаббуси қонунгузорӣ бисёр муҳим буда, дар баробари ин, барои татбиқи самараноки ин раванд бояд доктринаҳои мавҷудаи самти мазкурро дар ҷараён гузошт, то самараи оянбинонаро дар ҷодаи мазкур ба даст оварда; - бо дарназардошти мусоидати бесобиқаи экологикунонии қонунгузорӣ нисбат ба идоракунӣ, танзим ва ҳифзи арзишҳои экологӣ ва умумиинсонӣ, метавон ин ҷараёнро ба сифати механизми мустақил ва самаранокиояндабинонаи амалишавии функсияи давлат эътироф намуд. (саҳ. 130-131).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқбаранда масъалаҳои гузошташударо оид ба функсияи экологии давлат мақсаднок таҳлил намуда, нуктаҳои муҳимми илмиеро пешниҳод намудааст, ки

барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масоили амалишавии функсияи экологии давлат бо дарназардошти низомҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар ҷодаи амалигардонии функсияи экологии давлат истифода карда мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба функсияи экологии давлат бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масоили функсияи экологии давлат ва раванди танзими масоили амалинамоии он истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ роҷеъ ба амалишавии функсияи экологии давлат аҳаммияти муҳимро доро мебошанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб манзургардида оид ба функсияи экологии давлат метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи экологӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравand, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Диссертант қайд менамояд, ки инкишофи функсияи экологии давлат шартан ба се давра таснифбандӣ карда мешавад, яъне то шӯравӣ, шӯравӣ ва муосири рушди функсияи экологии давлат. (саҳ. 25). Вобаста ба андешаи иброзшуда аз диссертант пурсида мешавад, ки андешаи худро дар ин хусус ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия манзур намояд.

2. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр намудааст, ки функсияи экологии давлат якчанд хусусиятҳои хоси худро дорад ва дар ин замина, якчанд хусусият низ баён гардидааст (саҳ. 65-66) аммо дар асоси кадом маҳакҳо хусусиятҳои функсияи давлат муайян карда нашудааст?

3. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ пешниҳод намудааст, ки функсияи экологии давлат хислати минтақавиро низ дар худ касб кардааст (саҳ. 84) чунин пешниҳод баҳснок аст.

Бояд қайд намуд, ки эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Қодирзода Мирзоқодир Аюб ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Қодирзода Мирзоқодир Аюб ба талабот оид ба таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 14 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар.

Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №8 аз 10 апрели соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Мансурзода Амиршоҳ Мансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар маҷлиси кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "зид" - 0 нафар, "бетараф" - 0 нафар. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №11 аз 12 апрели соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Каримзода У.К.

**Ташхисгар:**
Сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Мансурзода А.М.

**Ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Котиби ҷаласа:**
Сардори кабинети кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қурбонзода Ҷ.Ғ.

**Имзои "Каримзода У.К., Мансурзода А.М. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ."-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон — Музаффарзода Б.З.

*Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулова, 3. Тел.: +992 (37) 226-60-42; (+992) 918-40-07-11; Факс: +992 (37) 226-60-43;*
*E-mail: tam300986@mail.ru*